ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.

Аз солҳои 60-уми асри гузашта чеҳраи воқеӣ ва ҳунарии Алӣ Бобоҷон ба аҳли фазлу камол ошност. Вай аз ин замон то лаҳзаи охирини ҳаёт бо фаъолияти самарабахшу осори гаронбаҳои худ ба илму адабиёт ва умуман, ғанӣ шудани маънавиёти хизмат кардааст. Қисми зиёди эҷодиёти шоир ба бачаҳо бахшида шудааст. Аз ин сабаб, вай дар қаламрави адабиёти муосир ҳамчун шоири бачаҳо шинохта шудааст. Дар адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дастоварду ва ҳунари суханофаринию хизматҳои бедареғи ин шоири маҳбуб ба таври дилхоҳ ва шоиста баҳогузорӣ нашудааст.

Таълифи диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» чун аввлин пажуҳиши монографӣ метавонад, роҳи шинохт ва омӯзиши рӯзгор ва осори Алӣ Бобоҷонро боз намояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки таҳқиқот аз муқаддима се бобу фаслҳои ба онҳо мувофиқ, хулоса иборат аст. Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян шуда, пасон объекту предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва монанди инҳо тибқи муқаррарот шарҳ ёфтаанд.

Боби аввали таҳқиқотро диссертант ба баррасии «Зиндагинома ва мероси адабии Алӣ Бобоҷон» равона кардааст. Дар он бо такя ба

далоили муътамад зиндагиномаи шоир барқарор ва мероси адабии ӯ муайян карда шудааст.

Боби дуюм ба таҳқиқи «Мавзуъ, жанр ва устухонбандии ашъори Алӣ Бобоҷон» бахшида шудааст. Дар се фасли он масъалаҳои «Мавзуъ ва мундариҷаи ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон», «Жанр ва устухонбандии ашъори бачагонаи шоир» ва «Хусусияти ғоявии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» таҳқиқ гардиданд.

Боби сеюм ба муайян кардани «Вижагиҳои сохторию бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» равона шудааст. Дар ин боб «Вазни ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон», «Нақши қофия ва радиф дар ашъори бачагони шоир» ва «Забону сабки ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» ба силки таҳқиқ гирифта шудааст. Диссертант дастовард ва натиҷаҳои таҳқиқии фаслу бобҳои диссертатсияро дар 10 банди мушаххас нишон додааст. Мазмуну мундариҷаи автореферат ва мақолаҳои чопкардаи диссертант муҳтавои умумии диссертатсиро ба пурагӣ инъикос намудаанд, Ҳамчунин, дар охири автореферат аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, ки муҳассаноти таҳқиқотро бармало месозад.

Дар баробари муваффақият дар матни автореферати диссертатсия норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар расиданд, ки таъкиди баъзе аз онҳоро ин ҷо зарур медонем:

1. Хуб мешуд, дар диссертатсия ба ҷанбаҳои тарбиявӣ ва эстетикии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон низ фасле дар таҳқиқ ҷудо мегардид.

2. Сарфи назар кардани имлои калимаҳои мушаддад, аз ҷумла дар калима “маводд” саҳ. 5, 7, 8.

Норасоиҳои мазкур моҳиятан, ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ сабаб арзиши таҳқиқотро коста намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ғафурзода Гулзода Маҳкам дар мавзуи «Хусусиятҳои адабӣ-бадеии ашъори бачагонаи Алӣ Бобоҷон» таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ арзёбӣ мешавад ва муаллифи он барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ
30 марти соли 2026 Беҳрӯзи Забеҳулло
Саидхоҷа

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Бинокорон,
гузаргоҳи 1, хонаи 5, ҳуҷраи 5.
Телефон: ((+992) 554116868
E-mail: bekhruz-68@mail.ru

Имзои Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷаро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти ба
номи А. Рӯдакии АМИТ Давлатов Фирдавс
30 марти соли 2026

ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроғаи муассиса:

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21